**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Тадқиқоти диссертатсионии Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти таъмини амнияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти ҳам назариявӣ ва амалиро доро мебошад.

Мубрамияти мавзуъ бо он асоснок карда шудааст, ки дар марҳалаи кунунии рушди ҳар як давлат, мушкилии асосӣ ҳифзи амнияти миллӣ мебошад, яъне, ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷомеа ва давлате, ки дар он рушди устувори ҷомеа, саривақт ошкор, пешгирӣ ва бартараф кардани таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ ба манфиатҳои миллӣ таъмин карда мешаванд. Ҳифзи амнияти иқтисодӣ ва таъмини иқтидори мудофиавӣ аз душманон (ҷинояткорон, тахрибкунандагон) вазифаи асосии давлат мебошад. Тахрибкорӣ ҳамчун ҷиноят алайҳи амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии давлат, дар кишварҳои гуногун, бо мақсадҳои гуногун амалӣ карда мешавад, масалан: халалдор кардани амнияти иқтисодӣ ва мудофиаи давлат, амнияти умумии давлат, ноустувор кардани фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ё вазъияти ҷамъиятию сиёсӣ, заиф кардани давлат, заиф кардани қудрат ё эҷоди дигар душвориҳо.

Тахрибкорӣ (диверсия) – ин амалҳои қасдонаи вайронкоронае мебошад, ки зидди объектҳои (иншоотҳои) иқтисодӣ ё низомӣ (мудофиавӣ), инчунин амалҳое, ки барои ноустувор кардани идоракунии мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ақибгоҳи рақиб барои ноил шудан ба мақсадҳои муайян (аксаран сиёсӣ) ё суст кардани давлат дар умум равона шудаанд. Ташаккул ва инкишофи минбаъдаи (аз нуқтаи назари объективӣ ва субъективии ҷиноят) мафҳуми тахрибкорӣ дар қонуни нави ИҶШС «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои давлатӣ» соли 1958, сипас дар Кодекси ҷиноятии ИҶШС соли 1960 ва Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 инъикос ёфт. Тарафи объективии тахрибкорӣ амалҳои навро аз қабили несткунии оммавии одамон, расонидани зарари ҷисмонӣ ё дигар зарар ба саломатии онҳо, заҳролудкунии оммавӣ ё паҳншавии эпидемия ва эпизоотикаро фаро гирифт. Дар баробари ин, ҳадафи тахрибкорӣ дар ин санадҳо махсус мушаххас карда шуд, яъне он ҳамчун сустшавии давлати шӯравӣ муайян гардид.

КҶ ҶТ соли 1998 дар м. 309 мафҳуми тахрибкориро дар таҳрири нав бо каме тағйирот пешниҳод намуд, ҳоло мақсади тахрибкорӣ ноустувор сохтани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гаштааст, на ин ки заиф кардани давлат. Тарзу усули содир намудани ҷиноят ҳамчун таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки барои нобуд ё вайрон кардани корхонаю иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ муайян гардиданд.

Солҳои охир, чи тавре ки муаллиф диссертатсия нишон додааст, динамикаи тахрибкорӣ рӯ ба афзоиш дорад ва дар баъзе ҳолатҳо он ҳамчун терроризм бандубаст карда мешавад, ки аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳснок мебошад. Дар асоси маълумоти Вазорати корҳои дохилии ҶТ, дар соли 2010 – 1 ҳолат, соли 2011 – 6 ҳолат, 2012 – 2 ҳолат, 2013-2015 – 1 ҳолати, 2016 – 4 ҳолат, 2017- 6 ҳолат, 2018 – 1 ҳолати содиршавии ҷинояти

тахрибкорӣ сабт гардидааст. Албатта маълумоти болозикр асоси воқеии содир шудани ҷинояти тахрибкориро нишон намедиҳад, зеро дар амалия дар бештар маврид он (тахрибкорӣ) ҳамчун терроризм бандубаст мегардад. Сабаби чунин бандубаст дар монандии ин таркибҳо ва рақобати меъёрҳо байни моддаҳои 179 ва 309 КҶ ҶТ мебошад. Аз ин рӯ, таҳияи илмии мавзӯи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ, ҳамчун яке аз ҷиноятҳое, ки ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ равона гардидааст, саривақтӣ ва мубрам мебошад. Тахрибкорӣ ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти ҶТ таъсири манфӣ расонида, баъзан сабаби афзоиши дигар ҷиноятҳо, аз ҷумла экстримизм ва терроризм мегардад.

Диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ дар қисмати риояи қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ, криминализатсияи кирдорҳои алоҳидаи тарафи объективии тахрибкорӣ ва ҳамоҳангсозии таркибҳои ҷиноятҳои монанд вазифаи пешгирикунандаи қонуни ҷиноятиро сад дар сад иҷро карда наметавонанд. Такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва таҷрибаи татбиқи он шояд роҳи ягонаи ҳалли воқеии мушкилоти мубориза бар зидди тахрибкорӣ бошад. ва маҳз дар тадқиқоти диссертатсионии худ А.А. Қурбонова тавонистааст, ки мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро дар сатҳи зарурӣ тадқиқ намуда, барои мукаммал намудани КҶ ҶТ дар асмти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ ақидаҳои бунёдӣ ва асоснокро пешниҳод кунад.

Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ тавассути омӯзиши комплексӣ муайян намудани мушкилиҳо (проблемаҳо) вобаста ба таркиби ҷинояти тахрибкорӣ, инчунин таҳияи тавсияҳои бунёдӣ ва пешниҳодҳои илмии асоснок ва исботшуда, ки барои беҳтар намудани қонуни ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба тахрибкорӣ равона гардидаанд, ифода мегардад.

Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф дар наздихуд вазифаҳои зеринро гузоштааст:

– таҳлили таърихи инкишоф ва рушди категорияи тахрибкорӣ дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон;

- омӯзиши қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ ва дар ин замина пешниҳод намудани тавсияҳои бунёдӣ дар самти мукамалнамоии таркиби м. 309 КҶ ҶТ;

– таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии тахрибкорӣ;

– таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои субъективии ҷинояти тахрибкорӣ;

– баррасии аломатҳои вазнинкунанда ва махсус вазнинкунандаи таркиби ҷинояти тахрибкорӣ;

- асоснок намудани тафриқагузории ҷинояти тахрибкорӣ бо терроризм;

– коркард ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ.

Объекти тадқиқотро муаллиф дуруст интихоб намудааст ва онро муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ташкил медиҳанд, ки вобаста ба содир шудани ҷинояти тахрибкорӣ ба вуҷуд меоянд.

Мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ, ки аз объекти диссертатсионӣ бармеояд, маҷмӯи масъалаҳои алоқаманд бо ҷинояти тахрибкорӣ дар умум ва аломатҳои таркибӣ (объективӣ ва субъективӣ) ва бандубастшавандаи онҳо дар алоҳидагӣ, инчунин татбиқи м. 309 КҶ ҶТ дар амал, ташкил медиҳанд. Муаллиф мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониро дуруст интихоб намуда, тадқиқоти худро дар ин самт муваффақона анҷом додааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии қаблӣ ва амалкунандаи ҶТ, амалияи истифодаи он, нуқтаҳои назари олимон (доктринаи ҳуқуқи

ҷиноятӣ) ва инчунин нуқтаи назари шахсии муаллиф, модели нави меъёре, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тахрибкорӣ пешбинӣ менамояд, пешниҳод гардидаанд. Дар диссертатсия, инчунин, зарурати такмил додани м. 309 КҶ ҶТ, сохтори нави он пешниҳод гардида, тамоюлҳои танзими меъёрии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қонунҳои ҷиноятии Тоҷикистон дар марҳалаҳои гуногуни рушди таърихӣ таҳлил карда шуда, тадбирҳои зарурӣ барои мукаммалгардии сохтори таркибии ҷинояти мазкур андешида шудаанд. Бинобар ин, диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти комплексие мебошад, ки ба таҳлили ҷинояти тахрибкорӣ ва масъалаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт бахшида шудааст. Ғайр аз ин, навоварии илмии диссертатсия дар як қатор хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асосёфтаи муаллиф оид ба бандубасти ин ҷиноят бо дарназардошти воқеияти имрӯзаи ҳуқуқӣ пешниҳод гардидаанд, ки баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон равона гардидаанд.

Чунин навгониҳои муаллиф диққатҷалбкунанда мебошанд: 1) вобаста ба ҷиҳатҳои мусбии (навгонии) қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ, муаллиф асоснок намудааст, ки дар самти мукаммалгардии КҶ ҶТ вобаста ба тахрикборӣ чунин пешниҳодҳо заруранд: а) криминализатсия намудани мусоидат ба фаъолияти тахрибкорона, гирифтани таълимот барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона ва ташкили гурӯҳи (иттиҳоди) тахрибкорона ё иштирок дар он; тахрибкорие, ки бо қатли оммавии одамон, зарар ба саломатии онҳо, инчунин заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намудани эпидемия ва эпизоотия алоқаманд аст; б) муқаррар намудани аломатҳои бандубастшаванда, ба монандӣ: - содир намудани тахрибкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; тахрибкорие, ки сабаби бавуҷуд омадани зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои вазнин мегардад; тахрибкорие, ки боиси марги инсон гаштааст. 2) муаллиф асонок намудааст, ки дар қ. 2 м. 309 КҶ ҶТ аломати бандубастшавандаи зерин: а) якчандкарата; б) аз ҷониби гурӯҳи

шахсон бо маслиҳати пешакӣ; в) бо истифодаи мақоми хидматӣ; г) дар ҳолати ретсидиви хавфнок ва дар қ. 3 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломати бандубастшавандаи зерин: а) аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ; б) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок; дар вазъияти ҷангӣ ё замони ҷанг илова карда шавад; 3) муаллиф исбот намудааст, ки ба диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ шакли нави содир кардани ин ҷиноят, яъне содир кардани тахрибкорӣ тавассути "ҳамлаҳои киберӣ" илова карда шавад. Дар доираи ҳамлаи киберӣ бояд ҳамчун таҷовуз ба шабакаҳои компютерӣ тавассути воруди беиҷозати онҳо, сирояти оммавӣ бо нармафзори зараровар, забти иттилооти махфӣ ва ғайра фаҳмида шавад, ки мақсади заиф кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд; 4) таҳлил ва омӯзиши ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкориро ҷамъбаст намуда, муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар КҶ ҶТ диспозитсияи м. 309 дар таҳрири нав ва таркибҳои наве, ки бо тахрибкорӣ алоқаманданд ҷойгир карда шавад.

Асосҳои методологии тадқиқоти диссертатсионӣ. Дар тадқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз методҳои диалектикӣ, маҷмӯи методҳои махсуси илмӣ-оморӣ, шаклию мантиқӣ, қиёсию ҳуқуқӣ, таърихӣ, системавию сохторӣ ва ғайра истифода бурдааст. Инчунин ҳангоми таҳлили масъалаҳои илмӣ усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

Аҳамияти назариявии тадқиқот дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаҳои мубориза бар зидди тахрибкорӣ ифода меёбад. Инчунин натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмӯи воситаҳои қонунии мубориза бар зидди тахрибкорӣ мусоидат намуда, барои тадқиқоти баъдӣ дар ин соҳа замина мегузоранд.

Аҳаммияти амалии тадқиқот дар диссертатсия асоснок карда шудааст ва дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти муаллиф метавонанд дар самти такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ, аз ҷумла бар зидди тахрибкорӣ, дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти

тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва бандубасти ҷинояти мазкур, зимни омода намудани қарори Пленуми Суди Олии ҶТ, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва яксони қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аз ҷониби судҳо мавриди истифода қарор дода шавад. Ҳамчунин маводди тадқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода шавад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия ба таври кофӣ санадҳои байналмилалӣ, қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ва Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ин ҷиноятҳо дар замони муосир, таҳлили таркиби ҷинояти баррасишавандаро таҳлил намудааст. Ҳамчунин, аз ҷониби диссертант коркарди амалӣ ва назарии тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ пешниҳод гардидааст.

Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонова Афзуна Азимбоевна пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Аз ин рӯ, тадқиқоти диссертатсионии Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, сазовори дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
сардори раёсати илм ва инноватсияи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Қудратов Н.А.

Имзои Қудратов Н.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.

**Суроға:** Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 734055, кӯчаи Борбад 48/5 . Тел.: (+992 37) 234-88-02

“25” 08 2023